## Тақризи

**роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Одиназода Амин Иброҳим дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02.–«Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ».**

Масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат дар доираи «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», бахусус тавассути баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ, истифодаи оқилона ва самараноки заминҳои таъйиноти кишоварзӣ, татбиқи васеи хатҳои нави технологӣ–инновастсионӣ дар истеҳсолот, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ ва ҳосилнокии зироатҳо, коркарди ҳарчи бештари ашёи хоми кишоварзӣ то ҳадди маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда ва мутобиқшави ба тағйирёбии глобалии иқлим аз ҷумлаи самтҳои асосии фаъолият муайян гардидааст.

Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ, вазъи зудтағйирёбанда ва пешгӯйинашавандаи ҷаҳони муосир, ноил гардидан ба ҳадафу мақсадҳои зикргардида ва ҳаллу фасли дигар масъалаҳо дар ин самт, аз бисёр ҷиҳат ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ вобаста мебошад, чунки ҳоло тибқи омори расмӣ, 70 фоизи заминҳои истифодаи кишоварзӣ ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) чун соҳибкории инфиродӣ дар соҳаи мазкур қарор дорад. Факту рақамҳои баёнгардида, бешубҳа, далели возеҳу равшани нақши муҳим доштани фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар соҳаи зери таҳқиқ фарогирифта мебошад.

Бинобар ин, ба масъалаҳои рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ дар кулли бахшҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ чун субъекти фаъоли иқтисоди бозоргонӣ бо дарназардошти нақши муҳим доштанаш дар истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазиру ба содирот нигаронидашуда, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад.

Аз ин нуктаи назар, мавзуи интихобнамудаи рисолаи илмии Одиназода А.И. муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ карда мешавад.

Одиназода Амин Иброҳим, соли 2009 факултаи баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемурро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит бо дипломи аъло хатм намудааст. Солҳои 2009–2010 дар вазифаи менеҷери Маркази мустақили иттилоотии «СПЕЙС»–и шаҳри Душанбе фаъолият намудааст. Аз соли 2010 то соли 2013 мутахассиси

пешбар ва солҳои 2013–2014 сармутахассиси Раёсати таҳлили масъалҳои соҳавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият намудааст. Аз соли 2014 то 2020 муовини сардори Раёсат ва аз соли 2020 то ба ҳол дар вазифаи сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст. Ӯ дар баробари кори асосӣ аз соли 2011 то кунун дар Коллеҷи кӯҳии ба номи Соро Юсупова ба ҳайси омӯзгор фаъолият дорад. Номбурда бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.08.2022 №417, № 4614 бо Медали Хизмати шоиста сарфароз гардидааст.

Одиназода Амин Иброҳим дар раванди иҷрои кори дессертатсионӣ худро чун муҳаққиқи варзида нишон дода, мақсаду вазифаҳои дар доираи рисолаи илмӣ гузошташударо дуруст дарк намуда, онҳоро саривақт ва бо сифати баланд мавриди иҷро қарор дод. Номбурда дар заминаи натиҷаҳои бадастомада таклифу тавсияҳои илман асоноктшударо таҳия ва пешниҳод намуд, ки дар амал татбиқи он ба таъмини рушди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат хоҳад кард.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тибқи нақша иҷрои кори илмӣ–таҳқиқотӣ дар ҳамаи марҳалаҳо бо иштироки бевоситаи муаллиф сурат гирифта, ӯ мустақилона натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуд.

Дар давраи иҷрои рисолаи илмӣ аз ҷониби унвонҷӯй яз қатор асарҳои муосири олимони ватаниву хориҷӣ доир ба масъалаҳои ташаккул ва инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ, истифодаи шаклҳои ҳамгироии хоҷагидорӣ, тақвияти низоми муосири идоракунӣ, дастгирии давлатӣ ва татбиқи васеи механизмҳои ҳавасмандгардонии молиявию иқтисодӣ дар рушди соҳибкории кишоварзиро мавриди омӯзиш ва таҳлилу арзёбӣ қарор дода, дар ин асно бо дарназардошти имкону захираҳои мавҷуда роҳҳои таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзиро таҳия ва пешниҳод намудааст.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқоти Одиназода Амин Иброҳим дар 28 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА-и назди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии 16,1 ҷузъи чопӣ, 24 мақолаи дигари илмӣ дар маҷаллаву нашрияҳои соҳавӣ ва маҷмуаи мақолаҳои илмии аз натиҷаи кори конфронсҳо ба табърасида ва як монография дар мавзуи «Арёбии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ояндабинии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳаҷми 9,4 ҷузъи чопӣ нашр гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки номбурда тайи солҳое, ки ба таҳияи рисолаи илмӣ машғул буд, аз худ масъулияти баланди илмиву таҳлилгарӣ нишон дода, дар

доираи вазифаҳои гузошташуда кори назарраси илмиро анҷом додааст. Ҳамзамон, ӯ маллака ва зарфияти хуби таҳлилӣ дошта, дар самти иҷрои кори илмию таҳқиқотӣ аз роҳу усулҳои муосир, ки самарнокии баланди рушди фаъолияти соҳибкориро таъмин менамояд, васеъ истифода менамуд. Одиназода А.И. ҳамчун унвонҷӯй ҳамеша барои баланд бардоштани савияи дониши илмию амалии худ талош варзида, боварии комил дорам, ки ӯ дар оянда низ аз уҳдаи илман таҳлилу арзёбии масъалаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ баромада метавонад.

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Таъмини рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02.–«Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ» пешниҳод гардида, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон — Қудратов Р.Р.
20.12.2023

Имзои Қудратов Р.Р. - ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон — Шарипов У.А.